**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ

Рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъмини амнияти озуқавории кишвар бо рушди соҳаи картошкапарварӣ, аз ҷумла парвариши навъҳои нави ин зироат ва сифати маводи тухмӣ алоқамандии зич дорад. Селексия ва тухмипарварӣ имконият медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ҳамчун ғизои солим афзун гардад. Афзоиш додани истеҳсоли картошка тавассути ба роҳ мондани корҳои селексионӣ ва тухмипарварӣ ва омӯзишу мутобиқгардонии навъҳои нави интродуксионӣ аҳамияти хоса дошта, дар минтақаи кӯҳӣ ташкил намудани системаи илман асосноки тухмипарварӣ, яке аз омилҳои баланд бардоштани ҳосилнокии картошка ва истеҳсоли он маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, таҳқиқоти диссертант Акрамов Абдуҳалим Холович маҳз ба ҳалли ин мавзуъ бахшида шудааст ва муаллиф дар ҳалли ин масъалаҳо натиҷаҳои назаррасро ба даст овардааст. Муаллиф таҳқиқотҳои худро оид ба мутобиқ намудани навъҳои нави картошкаи дорои иқтидори баланди истеҳсолӣ дар шароити минтақаи кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашт анҷом додаст. Мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ хеле мубрам мебошад, зеро муаллиф оид ба хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъи нави картошкаи воридшуда таҳқиқоти доманадор анҷом додааст. Ба ӯ муяссар гардидааст, ки хусусиятҳои инкишофу нашъунамо, маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии навъҳои картошкаро вобаста ба шароити агроэкологии минтақа аниқу дақиқ намояд.

Мебояд қайд кард, ки муҳтавои навоварии таҳқиқот дар маротибаи аввал муайян кардани хусусиятҳои агроэкологӣ ва ҳосилнокии навъҳои нави интродуксияшудаи картошка, дар асоси раванди мутобиқшавии ин навъҳо ба шароити минтақа дар шароити водии Рашти Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Диссертант Акрамов Абдуҳалим Холович тавонистааст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот аз байни навъҳои мавриди омӯзиш қароргирифта танҳо 4 навъи картошка: Янка, Вектар, Скарб ва Бриз, ки аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва тобоварӣ ба омилҳои табиӣ бартарӣ доштанд, интихоб намуда, ба истеҳсолот тавсия диҳад. Муаллиф исбот намудааст, ки навъҳои интихобнамуда дорои

ҳосилнокии баланд буда, маҷмуи ҳосилнокӣ дар навъҳои Янка-37,8 т/га, Вектар-32,5 т/га, Скарб-31,8 т/га ва Бриз-30,1 т/ га ташкил медиҳад ва аз фурӯши маҳсулоти истеҳсолшудаи ин навъҳо аз ҳар гектар то 58,38 ҳазор сомонӣ фоидаи софи иқтисодӣ ба даст овардан имконпазир мебошад.

Диссертант Акрамов Абдуҳалим Холович дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи худ исбот кардааст, ки хусусиятҳои агроэкологии минтақаи кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашт барои парвариш ва истеҳсоли ҳосили баланди навъҳои нави картошка комилан мувофиқ аст.

Муҳтавои мақолаҳои нашршуда ва мазмуни автореферати диссертатсия сатҳи анҷомёфта будани кори илмиро тасдиқ менамояд ва ба талаботи пешниҳодкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Акрамов Абдуҳалим Холович барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад.

Профессори кафедраи экология ва
ҳифзи табиати Муассисаи давлатии
таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”,
доктори илмҳои биология Каримов С.Б.

Дотсенти кафедраи экология ва ҳифзи
табиати Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров”, номзади
илмҳои кишоварзӣ Собиров М.С.

Имзои С.Б. Каримов ва М.С. Собировро тасдиқ менамоям:
сардори РК ва КМ МДТ “ДДХ
ба номи академик Б.Ғафуров” Сайдуллозода З.С.

Суроғаи муассиса: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел.: (+992-3422) 6-52-73, e-mail: rayosati_kadr@mail.ru

02.10.2025